Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014-и назди
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
(ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи "Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Дар шароити муосири иқтисодӣ, ки дар ҷаҳон бо истифода аз механизми дурусти идоракунии молияи давлатӣ ва такмилдиҳии он устувории низоми давлатдорӣ нигоҳ дошта шудааст, такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамчун заминаи муҳим ва сарчашмаи асосии маблағгузорӣ барои расидан ба ин мақсад баромад мекунад.

Вобаста ба ин бояд гуфт, ки автореферати мазкур ба масъалаҳои мубрами рушди низоми молияи маҳаллӣ дар шароити ислоҳоти иқтисодию молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Мавзуи интихобгардида дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, ба талаботи замони муосир, хусусан ба масъалаҳои таҳкими мустақилияти молиявии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявӣ ва таъмини рушди устувори минтақаҳо мувофиқат менамояд.

Дар автореферат масъалаҳои назариявӣ ва амалии идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, муаллиф асосҳои назариявии ин самти илмиро бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил додааст. Инчунин дар кори пешниҳодшуда равишҳои муосир ба арзёбии самаранокии даромадҳо ва хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ таҳия гардида, самтҳои афзалиятноки такмили механизми банақшагирӣ, танзим ва назорати молиявӣ дар сатҳи маҳаллӣ асоснок шудаанд. Хусусан, пешниҳоди муаллиф ҷиҳати баланд бардоштани нақши манбаъҳои дохилии даромад, такмили муносибатҳои байнибуҷетӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳои иқтисодии вилояти Хатлон аҳамияти амалӣ доранд.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот аз маҷмӯи усулҳои умумӣ ва махсуси илмӣ, аз ҷумла таҳлили иқтисодӣ, усулҳои муқоисавӣ ва оморӣ, гурӯҳбандӣ ва ҷамъбасти маълумот истифода намуда, ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ ва ҳисоботии мақомоти давлатӣ такя намудааст, ки ин аз дараҷаи кофии асоснокии хулосаҳо шаҳодат медиҳад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои бадастомада дорои аҳамияти назариявӣ буда, метавонанд барои рушди минбаъдаи назарияи молияи маҳаллӣ хизмат намоянд, инчунин кори иҷрошуда аҳамияти амалӣ дошта, дар фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва такмили сиёсати буҷетӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Тазаккур бояд дод, ки вобаста ба ҳамаи муваффаққиятҳои бадастовардашуда сифати таҳқиқот беҳтар мегардид агар муаллиф ба масъалаҳои зерин аҳамияти бештар медод:

- Таҳлили унсурҳои мувофиқи татбиқи таҷрибаи хориҷии такмили механизми идоракунии молияи маҳаллӣ дар шароити вилояти Хатлон;

Бо вуҷуди он ки дар автореферат баъзе масъалаҳо метавонанд дар матни пурраи диссертатсия бо далелҳои иловагӣ муфассалтар асоснок карда шаванд (аз ҷумла масъалаҳои болозикр), ин мулоҳизаҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзёбии умумии мусбати кори илмӣ таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Каримов Б.И. ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба корҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии зикршуда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи “Манбаъҳои алтернативии энергия”-и
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Раҳимов З.С.

Имзои Раҳимов З.С.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи Энергетикии Тоҷикистон Каримов З.А.

*Сурога: 733036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Кӯшониён*
*телефон: +992(77)707-65-02, почтаи электронӣ: info@det.tj*